Тақризи

роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Раҳимов Ромиз Рамазонович дар мавзӯи "Мукаммалгардонии қарздиҳии ипотекии манзилӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир" - барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, гардиши пул ва қарз

Қарздиҳии ипотекии манзилӣ яке аз самти ояндадори рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон башумор меравад ва дар худ механизми ҳамкории зичи низоми бонкӣ ва сохтмонро дарбар гирифта аҳамияти бузурги иҷтимоӣ дорад.

Агар бо манзили истиқоматии хусусӣ таъмин намудани аҳолӣ ҳалли якқатор мушкилиҳои иҷтимоиро аз байн барад, аз тарафи дигар, бо рушди сохтмон зиёда аз 60 намуд субъектҳои соҳибкории хурду миёна рушд ёфта ҷойҳои нави корӣ ва зиёдшудани ҷамъоварии андозро таъмин менамоянд. Ноил шудан ба ин ҳадафҳо бе рушди қарздиҳии ипотекии манзилӣ дар шароити имрӯза ҳариб, ки ғайриимкон аст.

Ҳангоми ташкили оқилона ва аз ҳама муҳим – самаранок, қарздиҳии ипотекии манзилӣ метавонад механизми тавонои зиддитаваррумӣ гардида, монеаи афзоиши нарх дар бозори истеъмолӣ шавад. Аз ҳисоби рушди ин ҷузъи иқтисодиёт васеъшавии имкониятҳои сохтмон, афзоиши истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва рушди фаъоли дигар бахшҳои алоқаманди иқтисодиёт ба миён меояд.

Дар рисолаи мазкур мафҳум, аҳамияти иқтисодии қарзи ипотекии манзилӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар пешбурд ва танзими ин намуди қарздиҳӣ омӯхта шуда, таҳлилҳои васеъ ва чуқур гузаронида шуда, дар асоси онҳо роҳҳои мукаммалгардонӣ ва афзалиятҳои рушди қарздиҳии ипотекии манзилӣ дар ташкилотҳои қарзӣ пешниҳод шудаанд. Мавзӯъ таҳлили вазъи

муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷадвалу диаграммаҳо оварда шуда, онҳо аз ҷиҳати илмӣ пурра асоснок карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки мавзӯи мазкур, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз мавзӯҳои камтаҳқиқшуда ба ҳисоб рафта, корҳои илмии алоҳида ба монади диссертатсия ва ё монографияҳо то имрӯз, нашр нашудаанд, ки ин дар навбати худ, кори унвонҷӯйро, аз як тараф хеле душвор намуд, аз тарафи дигар имконият дод, ки фикрҳои худро пурра баён намояд.

Бояд тазаккур дод, ки Раҳимов Ромиз Рамазонович таҷрибаи бои корӣ дар соҳаҳои бонкдорӣ ва сохтмон дорад. Унвонҷӯй дар ҶСП "Бонки рушди Тоҷикистон", баъдан дар ҶСП "Спитамен Бонк" фаъолият намуда аст. Баъдан фаолияти худро дар ширкати сохтомнии "Авитсенна" давом дода, дар коркард ва ба роҳ мондани қарзи ипотекии манзилӣ ҳангоми фурӯши хонаҳои истиқоматӣ байни ширкати номбурда ва ҶСП "Спитамен Бонк" яке аз нақшҳои калидӣ дорад.

Таҷрибаи бисёрсолаи унвонҷӯй, ҳам дар бонкҳо ва ҳам дар ширкати сохтмонӣ, ҳангоми таҳия намудани рисолаи илмӣ истифода шудааст.

Раҳимов Ромиз Рамазонович дар конфронсҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ фаъолона иштирок намуда, маводҳои онҳоро дар рисолаи илмии хеш дарҷ намудааст. Ҳамзамон, унвонҷуй дар маҷаллаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақолаҳои илмии хешро ба тасвиб расонидааст. Теъдоди корҳои нашршудаи муаллиф, ки дар давоми фаъолияти корӣ таҳия шудаанд, аз фаъолияти баландӣ илмӣ дарак медиҳад.

Дар давоми фаъолияти илмии хеш, Раҳимов Ромиз Рамазонович худро ҳамчун муҳаққиқи фаъол ва дорои малакаи тадқиқотчигии мустақили мавзӯи илмӣ нишон дода, максаду вазифаҳои таҳқиқотро дуруст муайян намуда, баҳри ҳалли онҳо кӯшиш ба харҷ додааст. Дар рафти таҳияи рисолаи илмӣ, Раҳимов Ромиз Рамазонович аз доираи васеъи адабиёти ватанию хориҷӣ истифода намуда, дар асоси онҳо хулосабарории дуруст оид ба ҳалли муаммоҳои рушди соҳаро пешниҳод намудааст.

Ба ақидаи ман, Раҳимов Ромиз Рамазонович аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошташуда баромада, рисолаи таҳқиқотии худро дар мавзӯи аҳамиятноку замонавӣ таҳия кардааст.

Бояд тазаккур дод, ки Раҳимов Ромиз Рамазонович таҳқиқоти илмиро мустақилона ба итмом расонида, оид ба масъалаҳои асосии мавзӯи баррасишаванда фикрҳои ҷолиб пешниҳод намудааст.

Ҳамин тавр, рисола ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, онро барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, гардиши пул ва қарз тавсия додан мумкин аст.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ,
муовини аввали Раиси Раёсати
ҶСП "Спитамен Бонк" **Ҳикматов У.С.**

Имзои Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевичро
тасдиқ менамоям.
Сардори департаменти кор бо
кормандони ҶСП "Спитамен Бонк" **Мирзоева Л.**

07.12.2022